Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллим Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. - 33 саҳ.)

Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, пеш аз ҳама ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии ӯ аз таҳдидҳои ҷиноятӣ яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Яке аз муҳимтарин ҳуқуқ ва озодии ҷудонашавандаи шахс ин дахлнопазирии манзил аст. Аз ин рӯ, дахлнопазирии манзил - дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Дахлнопазирии манзил дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва кафолат дода шуда, онро Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муносибати муҳими ҷамъиятӣ ҳифз менамояд, яъне дар моддаи 147 Кодекси мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муқаррар гардидааст.

Автореферати диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович таҳқиқоти мустақилонаи эҷодии илмии яке аз проблемаҳои мубрами ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб: боби якум аз чор параграф ва боби дуюм аз панҷ зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии

натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), замима, феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии таълифнамудаи С.А. Файзиев бо дарназардошти назаррас будани шумораи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва ба таври кофӣ баррасӣ нагардидани паҳлуҳои назариявӣ ва амалии вайрон намудани дахлнопазирии манзил мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз муҳтавои автореферат ба диссертатсия маълум мегардад, ки таҳқиқот бо дарназардошти омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалияи тадбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вайрон гардидани дахлнопазирии манзил, инчунин таҳияи тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ барои тамоюли қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба мақсади худ расидааст.

Дар таҳқиқот усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ, ҳуқуқи-муқоисавӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ (догматикӣ), низомию сохторӣ ва функсионалӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия аз маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 2022 истифода шуда, зиёда аз 450 парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти илмиву амалиро доро буда, барои минбаъда баҳодиҳии илмиву амалии муаммоҳои ҷойдоштаи вайрон намудани дахлнопазирии манзил басо муҳим арзёбӣ мегарданд. Муҳаққиқ лоиҳаи эзоҳ ба моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст, ки дар сурати қабули ин лоиҳа, муаммоҳои

норавшан дар ин самт, инчунин ҳуқуқтатбиққунандагон аз асрорҳои татбиқи ин меъёр орӣ мемонанд.

Пешниҳод карда мешавад, ки объекти бевоситаи м. 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шавад: "Муносибатҳо вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил". Чунончӣ, дахлнопазирии манзил маънои онро дорад, ки дастрасии ҳама гуна шахсони бегона ба манзил танҳо бо ризоияти шахсони дар он истиқоматкунанда сурат мегирад ва дахлнопазирии манзил ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ алоқамандии зич дорад, ҳамзамон, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Объекти иловагии таркиби бандубастшавандаи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ фаъолияти мӯътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии инсон эътироф мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар он ифода меёбад, ки бори нахуст аз лиҳози илми ҳуқуқи ҷиноятӣ кӯшиши муайян намудани моҳияти ислоҳотҳои конститутсионӣ дар масъалаи дахлнопазирии манзил мавриди баррасии амиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти назариявӣ ва амалии масоили мазкур бо як қатор хулоса ва тавсияҳо бо мақсади устувор намудани низоми ҳокимияти судӣ дар бандубасти ҷиноятҳо ба таври мушахас пешниҳод шудаанд.

Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра иҷро намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин, аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмӯъ, навгонии таҳқиқоти илмиро пурра таъмин намуда, дар амалия тадбиқи онҳо барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар дахлнопазири онҳо ба манзил аҳамияти калон дорад.

Аз он ҷумла, унвонҷӯ С.А. Файзиев дар пешниҳоди панҷум (с.16) пешкаш намудааст, ки бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1. м. 147 **КҶ ҶТ** хориҷ намудани ибораи “ё касеро аз манзилаш маҳрум кардан” мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молумулкии шахс буда, ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил бо дарназардошти мазмун аз доираи объекти ҳифзи м. 147 КҶ ҶТ берун мебарояд, зеро он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба моликиятро поймол мекунад. Бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шавад. Диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ-ро тағйир дода, ба он ибораи “ғайриқонунӣ кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан”-ро ворид намудан зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он мувофиқи қонунгузории амалкунанда кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асосноки суд дар мавридҳои пешбининамудаи қонун сурат мегирад.

Ё ин, ки унвончу С. А. Файзиев дар пешниҳоди дигар (с.16) зери мафҳуми “даромадан” ба манзилро тибқи муқаррароти КҶ ҶТ пинҳонӣ ё ошкоро ба манзили шахси дигар ворид гаштан, ки бо рафъи монеаҳо ё муқовимати истиқоматкунандагони он ва ё бидуни он амалӣ гардидааст, инчунин, истифода бурдани дастгоҳҳо ё воситаҳои техникие, ки барои гирифтани маълумот дар бораи ҳодисаҳое, ки дар манзил рух медиҳанд, равона шудаанд, фаҳмида шавад.

Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки криминализатсия намудани будубоши ғайриқонунии шахс дар манзил бе розигии соҳибмулк ё рад кардани талаби соҳибмулк оид ба тарк намудани манзил зарурият дорад. Муаллиф баён намудааст, ки тарк накардани манзил дар шакли беҳаракатӣ содир гардида, истиқоматкунандагони қонунии манзилро аз

имконияти мустақилона амалӣ намудани ҳаёти шахсияшон маҳрум месозад.

Бояд ишора намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ноилгардида, баъзе масъалаҳое дар таҳқиқоти анҷомёфта ҷой доранд, ки бояд мадди назар намемонданд.

1. Ҳангоми баррасии зербоби якуми боби якум – “Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (саҳ. 16-17) муаллиф дар баробари равшанӣ андохтан ба ҷанбаҳои таърихии масъалаи мазкур, ки он ҳатто давраи пеш аз милодро дарбар гирифтааст (аз ҷумла, қонунҳои Хаммурапӣ), инчунин хеле хуб мебуд, ки рукнҳои теологии онро низ таҳти таҳқиқот қарор дода, сарчашмаҳо ва назари диниро вобаста ба дахолатнопазирии манзил низ таҳқиқ мекард, қиммати ниҳоии илмӣ ва амалии рисоларо ҳангоми дифои он дар муҳокимаи умум комил намуда, ба ташаккули илмии рисоланавис ва кори анҷомдодааш такони ҷиддӣ мебахшад.

2. Рисоланавис дар мавриди таҳқиқи дурнамои рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил (саҳ. 24-25 зербоби панҷуми боби дуюм), аз чумла масъалаи вайрон кардани дахлнопазирии манзил, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми гузаронидани амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ ба он роҳ медиҳанд, баррасӣ кардааст. Таклифу пешниҳодҳои муаллифро дар ин самт таҳти шубҳа нагузошта, ҳамзамон қайд менамоем, ки хуб мешуд, агар рисоланавис ба масъалаи гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар намуди “муоинаи оперативии манзил”, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти опеативӣ-ҷустуҷӯӣ” ба танзим дароварда шудааст, рӯшноӣ меандохт, зеро натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллиф аз ин бурд менамуд.

Боварӣ дорам, ки ҳангоми дифои рисола муаллиф ба ин пешниҳодҳои мо ҷавоби мушаххас омода менамояд.

Пешниҳодҳои зикргардида арзиши натиҷаҳои илмию амалии бадастомадаи таҳқиқотро тағйир намедиҳад. Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокand ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва бандубасти ҷиноятҳои вобаста ба дахлнопазирии манзил аҳамияти муҳим дорад.

Рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ тавсиф гардида, бо асосҳои кофӣ тасдиқ намудан мумкин аст, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаҷми зиёди иттилоот ҷамъбаст гардидаанд, проблема ба таври басанда омӯхта шудааст, вазифаҳои таҳқиқот аниқ ифода ёфта, бомуваффақият ҳал карда шудаанд.

Аз баррасии ин автореферат, хулоса кардан мумкин аст, ки С.А. Файзиев ҳангоми таълифи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» аз худ маҳорати хуби эҷодкорӣ нишон додааст. Таҳлили автореферати диссертатсия муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бо дарназардошти далелу асосҳои овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки соҳиби рисола С.А. Файзиев сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:

Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшнносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Р.Ҳ. Раҳимзода

Имзои Р.Ҳ. Раҳимзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия С.К. Рамазонзода

04.01.2024

Суроға:
734054, ш.Душанбе, ул.Дж.Икроми-29,
E-mail: info@vkd.tj; somona@vkd.tj
Тел: (+992 37) 221-08-30; 227-98-98